ТАҚРИЗИ

**ба автореферати диссертатсияи Буриев Акмал Раҷабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия сарватҳои зеризаминӣ моликияти истисноии давлат мебошад. Табиати ҳуқуқи мазкур баҳснок буда, ҷанбаи ҳуқуқии граждании он баъзан инкор мегардад. Ин ҳолат ба вазъи ҳуқуқии сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи гражданӣ таъсир дошта, боиси номуайяниҳо ва баҳсҳо дар сатҳи қонунгузорӣ, ки монеаи рушди қонунгузории соҳа шудааст ва амалия шудааст. Аз ин рӯ, яке аз бахшҳои муҳим ва мубрами масъалаҳои ҳалталаб вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи гражданӣ ин муайян намудани табиати ҳуқуқи моликият ба сарватҳои зеризаминӣ ва имконияти татбиқи конструксияи институти ҳуқуқи моликият нисбат ба он мебошад. Муайян ва ҳал намудани он аҳамияти калони назариявӣ ва амалиявӣ дошта, омили ҳалкунандаи рушди минбаъдаи қонунгузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ маҳсуб меёбад. Дар ҶТ то ҳол таҳқиқоти комили илмӣ дар самти масъалаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маъруза ва дигар навъи пажуҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар умум баррасӣ шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти Буриев Акмал Раҷабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ва то имрӯз ба таври кулливу ҷузъӣ таҳқиқнашуда ба шумор меравад. Таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба мушкилоти

истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар доираи ҳуқуқи граждании дар ҶТ мебошад. Мутобиқ ба имконоти захираи сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон мушкилоти муносибатҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муайян гардида, роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудааст.

Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки мавзуъ ба таври мантиқӣ ба муқаддима, 2 бобу 5 зербобҳо, хулоса, руйхати сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ, интишороти муаллиф дар мавзуи таҳқиқот тақсим гардида, ҳар як боби минбаъда паҳлуҳои нави мавзуи илмиро таҳлилу баррасӣ менамояд. Аз ҷиҳати методологӣ унвонҷӯ аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии на танҳо Тоҷикистон, балки қонунгузории амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ низ истифода бурдааст.

Буриев Акмал навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва содда баён намуда, илман асоснок намудааст. Ҷиҳати фарқкунандаи диссертатсияи ҳимояшаванда дар он аст, ки аксарияти мафҳумҳо аз ҷониби унвонҷӯ муайян карда шуда, аз ҷониби муаллиф таъриф дода шудаанд. Аксарияти навгониҳои диссертатсия дар илми ҳуқуқи граждании Тоҷикистон нав буда, лоиқи дастгирӣ мебошанд. Ҷиҳати мусбии кор дар он низ мушоҳида мешавад, ки ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳавӣ барои такмили қонунгузории амалкунанда пешниҳодҳо ироа шудаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ навгониҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки ҳамчун навгонӣ метавон онҳоро низ пешниҳод намуд. Инчунин дар диссертатсия якчанд масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад.

Дар амалия имрузаи мо созишномаҳо вобаста ба сарватҳои зеризаминӣ хело зиёданд. Унвонҷу дар таҳқиқоти диссертатсионии худ танҳо созишномаи консенсионӣ ва созишнома оид ба тақсими маҳсулотро таҳқиқ намудааст. Ба андешаи мо тахқиқи танҳо ин ду намуди созишнома кофӣ набуда, масаълаи мазкур таҳқиқоти иловагиро тақозо менамояд.

Албатта, эродҳои мо баҳснок буда, ба арзиши баланди таҳқиқот таъсиргузор нестанд. Диссертатсияи илмиро мо ҳамчун таҳқиқоти

комплексӣ ва анҷомёфта баҳо дода, муаллифи он Буриев Акмал Раҷабалиевичро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мешуморем.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Муқарриз:
Мудири бахши таъминоти
ҳуқуқии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарифов Ш.Ҷ.

Имзои «Шарифов Ш.Ҷ.»-ро тасдиқ мекунад:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Телефон: +992(37) 224-13-83. E-mail: info@tgpu.tj